**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012**
**назди Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон**
**(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,**
**ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www.ddtt.tj)**

## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат.***

Инкишофи ҷомеаи муосир бо табдили ҷомеаи индустриалӣ ба ҷомеаи баъдииндустриалӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ хос аст. Истифодаи пуршиддат ва васеъ паҳн шудани инноватсия қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро дигаргун сохта, дар онҳо дигаргуниҳои амиқ ба амал меоварад. Муҳити нав ва инфрасохтори нави ҳаёти ҷамъиятӣ ташаккул меёбад, ки дар он навоварӣ ба категорияи фундаменталии умумии илмӣ табдил меёбад. Дар чунин ҷамъият омили инсонӣ барои таъмини суръати баланди тараққиёти иктисодиёт аҳамияти халкунанда пайдо мекунад. Аз ин рӯ, танҳо аз субъекти фаъолияти сармоягузорӣ он объекти асосии сармоягузорӣ мегардад. Ин тамоюл боиси аз нав дида баромадани вазифаҳои стратегии рушди устувори иқтисоди миллӣ мегардад, ки ба идеяҳои ташаккули системаи миллии инноватсионӣ такони иловагӣ мебахшад.

Ҳадафи стратегии ташкили иктисоди баландтехнологӣ муносибати илман асоснокшудаи идоракунии истифодаи неруи инсониро дар ҳама сатҳҳои иқтисодиёт талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши вижагиҳои рушди иқтисоӣ аз такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ аҳамияти хоса дорад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки автореферати Одинаев Аслам Мадгиёевич, бо таваҷҷуҳ ба ҳадафи тадқиқот, вазифаҳо, объект, предмет ва навгониҳои ба даст омода таҳлили амиқи илмӣ ва омӯзиши усулҳои муосири татбиқи стратегияи миллии инкишофи сармояи инсониро ифода менамояд.

Аз ҷониби муаллиф асосҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ростои омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва эҷоди системаи ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ ифода мекунад. Ҳамчунин омилҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар муҳити институтситсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти "фирори мағзҳо" дастабандӣ шудаанд, ки сабаб ва натиҷаи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд. Дар робита ба ин тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани "фирори мағзҳо" ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар таъриф шудааст.

Дар автореферат, дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, ҳамчунин камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Масалан, ба андешаи диссертант мушкилоти коҳиши «фирори мағзҳо» бо инкишофи раванди "гардиши мағзҳо" алоқамандӣ дорад. Аммо, алоқамандии мазкур аз нигоҳи институтсионалӣ асоснок нагардидааст.

Ин ва дигар камбудиҳои дар автореферат ҷойдошта характери ҷузъӣ доранд, мазмун ва баҳои воқеии авторефератро таъғйир намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқи диссертатсионӣ Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» пешниҳод гаштааст, кори илмии анҷомёфта ва дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-31-уми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи баҳисобгирии
бухгалтери ДДҲБСТ Дадоматов Д.Н.

Имзои д.и.и., дотсент Дадоматов Д.Н.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
мкрн. 17, хонаи 1
Тел.: (83422) 2 38 11, 2 51 70; (+992) 92 856 66 65
Факс: (83422) 2 38 11;
E-mail: dalerdn@mail.ru